**СУРАТҶАЛАСАИ**
**ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЗИКА ВА МАТЕМАТИКАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**аз 27.01.2023 №6 ш.Кӯлоб**

**ИШТИРОК ДОШТАНД:**

Давлатов Р.М., н.и.п., раис, Ҳофизов А.М., н.и.п., аъзо, Акрамова Р.Я., н.и.ф-м., аъзо, Каримова Н.Ш., н.и.ф-м., аъзо, Ниёзов Ҷ.М., н.и.п., и.в.дотсент, аъзо, Шарипов А.П., н.и.т., аъзо, Сафаров С.С., н.и.п., аъзо, Парвинаи У.С., доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси физика, аъзо, Ашурова С.М., саромӯзгор, аъзо, Ниёзов Ш.Д., аъзо, Нодиров К.А., аъзо, Одинаева Г.С., аъзо, Убайдуллои А., котиб ва 12 нафар омӯзгорони даъватгардида

**МАСЪАЛАҲОИ ҶОРӢ:**

**1.** Баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонов Диловаршо Мирзоевич дар мавзуи «Аз таърихи мақуллаҳои фазо ва вақт дар фаҳмиши назарияи нисбият», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10.- Таърихи илм ва техника (таърихи физика).

**ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯи ин масъала раиси Шурои олимони факултет н.и.п., Давлатов Р.М. баромад намуда, қайд кард, ки Қурбонов Д.М. диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи «Аз таърихи мақуллаҳои фазо ва вақт дар фаҳмиши назарияи нисбият», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10.- Таърихи илм ва техника (таърихи физика) бо иловаи ҳуҷҷатҳои лозима, тақризи муқарризон, н.и.ф.м. дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ, Тошматов А.Д. ва н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи маводҳо, Қодирова Д.Т. барои муҳокимаи даври дуюм ба Шурои олимони факултет пешниҳод намудааст.

Раиси Шурои олимони факултет н.и.п., Давлатов Р.М. оид ба муҳокимаи диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ Қурбонов Д.М. ба ҳайси раисикунанда баромад намуда, ҷаласаро ифтитоҳ бахшид. Аъзоён ва котиби ҷаласаро муаррифӣ намуда, мутобиқи рӯзномаи ҷаласа регламент барои баррасии диссертатсия 15 дақиқа, барои муқарризон 7 дақиқа ва барои музокирот 15 дақиқа муайян карда шуд.